# Тафсироти КТҲМБ 12
# *“Созишномаи консессионӣ дар бораи хизматрасонӣ”*

## Истинодҳо

*Асос барои таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ*[1]

- СБҲМ 1 *“Татбиқи аввалини Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ”;*
- СБҲМ 7 *“Воситаҳои молиявӣ: ифшо”;*
- СБҲМ 9 “*Воситаҳои молиявӣ”;*
- СБҲМ 15 “*Даромад аз фурӯш тибқи шартнома бо харидорон”;*
- СБҲМ 16 “*Иҷора”;*
- СББМ 8 “*Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар арзёбии муҳосибӣ ва хатоҳо”;*
- СББМ 16 “*Воситаҳои асосӣ”;*
- СББМ 20 “*Баҳисобгирии грантҳои давлатӣ ва ифшои маълумот дар бораи кумаки давлатӣ”;*
- СББМ 23 “*Хароҷот вобаста ба қарзгирӣ”;*
- СББМ 32 *“Воситаҳои молиявӣ: пешниҳод”;*
- СББМ 36 *“Беқурбшавии дороиҳо”;*
- СББМ 37 “*Уҳдадориҳои арзёбишаванда, уҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ”;*
- СББМ 38 “*Дороиҳои ғайримоддӣ”;*
- Тафсироти КТС 29 *“Созишномаи консессионӣ дар бораи пешниҳоди хизматрасонӣ: ифшои маълумот”*[2].

## Маълумоти ибтидой

1. Дар бештари давлатҳо объектҳои инфрасохтор барои пешниҳоди хизматрасониҳои ҷамъиятӣ - ба монанди роҳҳо, пулҳо, нақбҳо, зиндонҳо, беморхонаҳо, фурудгоҳҳо, иншооти обтақсимкунӣ, шабакаҳои таъмини барқ ва мухобиротӣ - чун анъана аз тарафи ташкилоти бахши давлатӣ сохта, идора ва хизматрасонӣ карда мешаванд ва тавассути буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мегарданд.

2. Дар баъзе кишварҳо ҳукумат дар амал истифода намудани созишномаҳо дар бораи пешниҳоди хисматрасониҳоро дар асоси шартномаи аввала ҷорӣ намудааст, то ки бахши хусусиро барои иштирок дар рушд, маблағгузорӣ, идоракунии фаврӣ ва хазматрасонии объектҳои дахлдори инфрасохтор ҷалб намояд. Объектҳои инфрасохтор метавонанд аллакай вуҷуд дошта бошанд ва ё метавонанд дар муҳлати амали созишнома дар бораи пешниҳоди хизматрасонӣ сохта шаванд. Созишномаи мансуб ба доираи татбиқи тафсироти мазкур, одатан, ҷалби корхонаи бахши хусусиро (танзимгар) пешбинӣ менамояд, ки сохтмони объекти инфрасохтори барои пешниҳод намудани хазматрасониҳои ҷамъиятӣ истифодашаванда ва ё такмили он (масалан, бо роҳи афзоиши қобилияти хизматрасонӣ), инчунин хизматрасонии марбут ба идоракунии фаврӣ ва хизматрасонии объекти мазкури инфрасохторро дар давоми давраи муайяни вақт амалӣ мегардонад. Хизматрасонии танзимгар дар давоми муҳлати амали созишнома пардохт карда мешавад. Созишнома тавассути шартнома ба танзим даровarда мешавад, ки дар он талабот ва меъёрҳо нисбат ба пешниҳоди хизматрасониҳо, механизмҳои танзими нарх ва шартҳои ҳалли баҳсҳо бо тартиби арбитражӣ муқаррар карда мешавад. Чунин созишнома дар бораи пешниҳоди хизматрасониҳо муттасил ҳамчун созишномаи консенссионии навъи “сохтмон - идоракунии фаврӣ - интиқол”, “азнавсозӣ - идоракунии фаврӣ - интиқол” ва ё “ҳамкории мутақобилаи давлатӣ - хусусӣ” тавсиф карда мешавад.

3. Хусусияти ба худ хоси созишнома дар бораи пешниҳод намудани хазматрасониҳо хусусияти ҷамъиятии хизматрасониҳо мебошад, ки танзимгар барои пешниҳод намудани онҳо вазифадор мебошад. Сиёсати давлатӣ дар он ифода меёбад, ки хизматрасониҳои бо объектҳои инфрасохтор

[1] *Истинод ба чаҳорчӯбаи таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии* КСББМ мебошад, ки аз ҷониби Шуро соли 2001 қабул шудааст ва ҳангоми таҳияи тафсир амал мекунад.

[2] Сарлавҳаи КТС-29, ки қаблан ифшой — *Созишномаҳои консессияи хидматрасонӣ*, тавассути КТҲМБ 12 ислоҳ карда шуд.

алоқаманд, новобаста аз кадом тараф пешниҳод гардидани чунин хизматрасонӣ, ба аҳолӣ пешниҳод мегарданд. Созишнома дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳо, ба дӯши худ гирифтани уҳдадории хизматрасонӣ ба аҳолӣ аз номи корхонаи бахши давлатиро пешбинӣ менамояд. Хусусиятҳои дигари ба худ хос инҳо мебошанд:

(а) тарафи пешниҳодкунандаи ҳуқуқ дар шакли созишнома дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳо (консседент) ташкилоти бахши давлатӣ ва ё корхонаи бахши хусусӣ мебошад, ки масъулият барои пешниҳод намудани хизматрасониҳо ба он дода шудааст;

(б) танзимгар барои амалӣ намудани ҳадди аққал баъзе вазифаҳои марбут ба идоракунии фаврии объектҳои инфрасохторӣ ва пешниҳод намудани хизматрасониҳои дахлдор, аммо танҳо аз номи консседент ба сифати агент амал наменамояд, масъулият дорад;

(в) шартнома нархҳои ибтидоиеро муқаррар менамояд, ки танзимгар бояд ситонад ва масъалаҳои аз нав дида баромадани нархҳо дар муддати муҳлати амали созишнома дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳоро танзим менамояд;

(г) танзимгар дар охири муҳлати амали созишнома уҳдадор аст объекти инфрасохторро дар ҳолати муайян, бо додани подошпулии на он қадар калони иловагӣ ё бидуни он, новобаста аз он, ки кадоме аз тарафҳо аввал ин объектро маблағгузорӣ намудааст, ба консседент месупорад.

## Доираи татбиқ

4. Тафсироти мазкур дастурҳо вобаста ба баҳисобгирии созишномаҳои консессионӣ аз тарафи танзимгарро дар бораи пешниҳоди хизматрасониҳо дар доираи ҳамкории мутақобилаи давлатию хусусӣ дар бар мегирад.

5. Тафсироти мазкур нисбат ба созишномаҳои консессионӣ дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳо дар доираи ҳамкориҳои мутақобилаи давлатию хусусӣ татбиқ мегардад, агар:

(а) консседент назорат ва танзим менамояд, ки кадом хизматрасониҳоро танзимгар бо истифода аз объекти инфрасохторӣ барои кӣ ва бо кадом нарх бояд пешниҳод намояд;

(б) консседент назорат менамояд - тавассути ҳуқуқ ба соҳибмулкӣ, ҳуқуқи бенефитсиарӣ ё бо асосҳои дигар - ҳамаи ҳиссаи боқимондаи назаррасро дар объекти инфрасохторӣ дар охири муҳлати амали созишнома.

6. Объектҳои инфрасохторӣ, ки дар созишномаҳои консессионӣ дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳо дар доираи ҳамкории мутақобилаи давлатию ҳуқуқӣ дар давоми тамоми муҳлати истифодаи муфиди онҳо (дороиҳо бо истифодаи пурраи муҳлат), ба доираи татбиқи тафсироти мазкур мансуб дониста мешаванд, агар шартҳои дар банди 5(а) пешбинишуда иҷро карда шаванд. Бандҳои АЕ1 - АЕ8 дастурҳоро нисбат ба муайян намудани он, ки созишномаҳои консессионӣ дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳо дар доираи ҳамкории мутақобилаи давлатию хусусӣ то ба кадом андоза ба соҳаи истифодаи тафсироти мазкур мансуб дониста мешаванд, дар бар мегирад.

7. Тафсироти мазкур нисбат ба инҳо татбиқ мегардад:

(а) объектҳои инфрасохторӣ, ки танзимгар месозад ё ба даст меоварад, бо мақсади иҷрои созишнома дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳо аз тарафи сеюм; ҳам ба

(б) объектҳои мавҷудаи инфрасохторӣ, ки нисбат ба онҳо консседент ба танзимгар бо мақсади иҷрои созишнома дастрасӣ дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳоро пешниҳод менамояд.

8. Тафсироти мазкур тартиби баҳисобгирии объектҳои инфрасохторро муқаррар наменамояд, ки тавассути танзимгар нигоҳ дошта мешаванд ва то лаҳзаи ба имзо расонидани созишнома дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳо ба сифати воситаҳои асосӣ эътироф карда шудааст. Нисбат ба чунин объектҳои инфрасохторӣ талаботи СБҲМ дар қисмати қатъи эътироф татбиқ мегардад (дар СББМ 16 тавсиф шудааст).

9. Тафсироти мазкур тартиби баҳисобгирии консседентро муқаррар наменамояд.

## Мавзуъ

10. Тафсироти мазкур принсипҳои умумии эътироф ва арзёбии уҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои дахлдор дар созишномаҳои консессионӣ дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳоро муқаррар менамояд. Талабот вобаста ба ифшои маълумот дар бораи созишномаҳои консессионӣ дар бораи пешниҳод


© Фонди СБҲМ

намудани хизматрасониҳо дар Тафсироти КТС - 29 тавсиф шудааст. Дар тафсироти мазкур масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

(а) тартиби баҳисобгирии ҳуқуқҳои танзимгар нисбат ба объектҳои инфрасохторӣ;

(б) эътироф ва арзёбии подош тибқи созишнома;

(в) хизматрасониҳо барои сохтмон ё такмилдиҳии он;

(г) хизматрасониҳо аз рӯйи идоракунии фаврӣ;

(ғ) хароҷот барои қарзгирӣ;

(д) баҳисобгирии минбаъдаи дороии молиявӣ ва дороии ғайримоддӣ;

(е) объектҳое, ки концедент ба танзимгар пешниҳод намудааст.

## Тавофуқ

### Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқҳои танзимгар дар робита ба объектҳои инфрасохторӣ

11. Объектҳои инфрасохторӣ, ки дар доираи татбиқи тафсироти мазкур қарор доранд, наметавонанд ба сифати воситаҳои асосӣ эътироф карда шаванд, зеро созишнома дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳо ба танзимгар ҳаққи назорат намудани истифодаи объектҳои инфрасохтории таъиноти ҷамъиятиро намедиҳад. Танзимгар ба объектҳои инфрасохторӣ бо мақсади идоракунии фаврии онҳо барои пешниҳод намудани хизматрасониҳо аз номи концедент тибқи талаботҳои дар шартнома муайянкардашуда дастрасӣ дорад.

### Эътироф ва арзёбии подоши пешбинигардида тибқи созишнома

12. Танзимгар тибқи шартҳои созишномае, ки ба доираи истифодаи тафсироти мазкур мансуб дониста мешаванд, ба сифати таҳвилгари (таъминкунанда) хизматрасониҳо амал менамояд. Танзимгар объекти инфрасохторро (хазматрасониҳои марбут ба сохтмон ё такмилдиҳии он), ки барои пешниҳод намудани ин ё он хизматрасонии ҷамъиятӣ истифода мегардад, бунёд месозад ё такмил медиҳад, идоракунии фаврии объекти мазкурро амалӣ мегардонад ва ба он дар давоми муҳлати муайяни вақт хизмат мерасонад.

13. Танзимгар бояд даромад аз хизматрасониҳои пешниҳодгардидаро тибқи СБҲМ 15 эътироф ва арзёбӣ намояд. Хусусияти подошпулӣ тартиби баҳисобгирии минбаъдаи онро муайян менамояд. Тартиби баҳисобгирии минбаъдаи подошпулии қабулгардида ҳамчун дороии молиявӣ ва ҳамчун дороии ғайримоддӣ дар зер, дар бандҳои 23 – 26 тавсиф карда шудааст.

### Хизматрасониҳо барои сохтмон ё такмилдиҳӣ

14. Танзимгар бояд хизмарасониҳо барои сохтмон ё такмилдиҳии объектҳои инфрасохторро тибқи СБҲМ 15 ба эътибор гирад.

#### Подошпулие, ки концедент ба танзимгар пардохт менамояд

15. Агар танзимгар хизматрасониҳо барои сохтмон ё такмилдиҳии онро пешниҳод намояд, подошпулие, ки танзимгар мегирад ё бояд бигирад, бояд тибқи СБҲМ 15 эътироф карда шавад. Подошпулӣ метавонад дар худ пешниҳод намояд ҳақуқ ба:

(а) дороии молиявӣ, ё

(б) дороии ғайримоддӣ.

16. Танзимгар бояд дороии молиявиро ба андозаи ҳуқуқи мутлақи дар шартнома пешбинишуда вобаста ба гирифтани воситаҳои пулӣ ё дороии дигари молиявӣ барои хизматрасонии марбут ба сохтмон аз концедент ё бо дастури ӯ эътироф намояд; концедент амалан (ва ё тамоман) наметавонад тибқи қоида бо сабаби он, ки ин созишнома бо ҳимояи ҳуқуқӣ таъмин карда шудааст, аз пардохт худдорӣ намояд. Танзимгар ба гирифтани воситаҳои пулӣ ҳуқуқи мутлақ дорад, агар концедент барои талаботҳои шартнома ба танзимгар кафолати пардохти: (а) маблағҳои муқарраркардашуда ё муқарраркардашаванда, ё (б) фарқияти гирифтанашударо диҳад, агар чунин фарқият дар байни

маблағҳои аз истифодакунандагони хизматрасониҳои ҷамъиятӣ гирифташуда ва маблағҳои муқарраркардашуда ё муқарраркардашаванда вуҷуд дошта бошад, ҳатто агар пардохт вобаста аз он бошад, ки танзимгар мутобиқати объекти инфрасохторро бо талаботи муқаррарнамудаи сифат ё самаранокӣ оё таъмин намудааст.

17. Танзимгар бояд дороии ғайримоддиро ба он андозае ки ҳуқуқ (иҷозатнома) ба ситонидани пардохт аз истифодабарандагони хизматрасониҳои ҷамъиятиро ба даст меорад, эътироф намояд. Ҳуқуқ ба ситонидани пардохт аз истифодабарандагони хизмарасониҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқи мутлақ барои гирифтани воситаҳои пулӣ намебошад, зеро маблағи пардохт аз дараҷаи истеъмоли хизматрасонӣ вобаста мебошад.

18. Агар хизматрасониҳои танзимгар марбут ба сохтмон қисман бо дороии молиявӣ ва қисман бо дороии ғайримоддӣ пардохт карда шавад, пас ҳар як ҷузъи подошпулии гирифтаи танзимгар бояд алоҳида ба эътибор гирифта шавад. Подошпулии гирифташуда ва ё гирифташаванда бояд аввал тибқи СБҲМ 15 эътироф карда шавад.

19. Хусусияти подошпулие, ки конседент ба танзимгар пардохт менамояд, бояд бо такя ба талаботҳои шартнома ва меъёрҳои дахлдори ҳуқуқи шартномавӣ муайян карда шавад, агар чунин меъёрҳо вуҷуд дошта бошанд. Хусусияти подошпулиро баҳисобгирии минбаъдаи он, чӣ тавре, ки дар бандҳои 23 – 26 тавсиф карда шудааст, муайян менамояд. Вале тибқи СБҲМ 15 подошпулии ҳарду навъ дар давоми давраи сохтмон ё такмилдиҳии он ба сифати дороӣ барои шартнома гурӯҳбандӣ карда мешавад.

## Хизматрасониҳо барои идоракунии фаврӣ

20. Танзимгар бояд хизматрасониҳо барои идоракунии фавриро тибқи СБҲМ 15 ба эътибор гирад.

### Уҳдадориҳои пешбининамудаи шартнома вобаста ба барқарорсозии объектҳои инфрасохторӣ то муайян намудани дараҷаи эътимоднокии истифода

21. Танзимгар метавонад уҳдадориҳои дар шартнома пешбинишударо доро бошад, ки бояд тибқи шартҳои иҷозатномаи он иҷро намояд, ба монанди: (а) нигоҳдории дараҷаи муайяни эътимоднокии истифодаи объекти инфрасохторӣ (б) барқарорсозии объекти инфрасохторӣ то ҳолати муайян пеш аз додани он ба конседент дар охири муҳлати амали созишнома дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳо. Уҳдадориҳои дар шартнома пешбинишуда вобаста ба нигоҳдорӣ ё барқарорсозии объектҳои инфрасохторӣ, ба истиснои ҳамаи хизматрасонии марбут ба такмилдиҳии онҳо (ба банди 14 нигаред), бояд тибқи СББМ 37 эътироф ва арзёбӣ карда шаванд, яъне барои арзёбии беҳтарини хароҷот, ки барои иҷрои уҳдадории мавҷуда дар санаи ба охир расидани давраи ҳисоботӣ талаб мегарданд.

## Хароҷоти барои қарз сарфнамудаи танзимгар

22. Тибқи СББМ 23 хароҷоти вобаста ба қарзгирӣ, ки ба шартнома дахл дорад, бояд ҳамчун хароҷот барои ҳамон даврае, ки сарф шудааст, эътироф карда шавад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки танзимгар дорои ҳуқуқи дар шартнома пешбинишуда, вобаста ба гирифтани дороии ғайримоддӣ (ҳуқуқ барои гирифтани пардохт аз истифодакунандагони хизматрасониҳои ҷамъиятӣ) мебошад. Дар ин ҳолат хароҷоти вобаста ба қарзгирӣ, ки ба шартномаи мазкур дахл дорад, дар муддати марҳилаи сохтмон, ки шартнома пешбинӣ кардааст, тибқи стандарти мазкур бояд мавриди ба сармоя табдил додан (сармояфузунӣ) қарор гирад.

## Дороии молиявӣ

23. Нисбат ба дороии молиявие, ки мувофиқи бандҳои 16 ва 18 эътироф шудаанд, СББМ 32 ва СБҲМ 7 ва СБҲМ 9 татбиқ мегарданд.

24. Маблағи аз конседент қабулшуда ё бо дастури он гирифташаванда тибқи СБҲМ 9 ба эътибор гирифта мешавад, ҳамчун арзёбишаванда:

(а) аз рӯйи арзиши истеҳлок;

(б) аз рӯйи арзиши одилона тавассути дигар маҷмуи даромад; ё

(в) аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар.

 © Фонди СБҲМ

25. Агар маблағи аз концедент қабулшаванда бо арзиши истеҳлок ё бо арзиши одилона тавассути дигар маҷмуи даромад арзёбӣ гардад, СБҲМ 9 талаб менамояд, ки фоизи бо истифодаи усули меъёри фоизноки самарабахши ҳисобкардашуда дар таркиби фоида ё зарар эътироф карда шавад.

### Дороии ғайримоддӣ

26. СББМ 38 нисбати дороии ғайримоддии тибқи бандҳои 17 ва 18 эътирофшуда татбиқ мегардад. Бандҳои 45 - 47 СББМ 38 дастур вобаста ба арзёбии дороиҳои ғайримоддӣ бар ивази дороии ғайрипулӣ ё бар ивази комбинатсияи дороиҳои пулӣ ва ғайрипулии бадастовардашударо дар бар мегирад.

### Объектҳое, ки концедент ба танзимгар пешниҳод менамояд

27. Тибқи банди 11 объектҳои инфрасохторӣ, ки концедент ба танзимгар дар доираи созишнома дар бораи пешниҳоди хизматрасонӣ дастрасиро пешниҳод менамояд, аз тарафи танзимгар дар таркиби воситаҳои асосӣ эътироф карда намешаванд. Концедент, инчунин метавонад ба танзимгар объектҳои дигареро диҳад, ки танзимгар метавонад дар ихтиёри худ нигоҳ дорад ва ё бо салоҳдиди худ бо онҳо муносибат намояд. Агар чунин дороиҳо як қисми подошпулӣ бошанд, ки ба концедент барои хизматрасонӣ дода шаванд, онҳо, чӣ тавре, ки дар СББМ 20 муқаррар карда шудааст, қисми грантҳои давлатӣ ба ҳисоб нараванд. Ба ивази ин, онҳо ҳамчун як қисми нархи амалиёт, чӣ тавре, ки ин истилоҳ дар СБҲМ 15 муқаррар карда шудааст, ба эътибор гирифта мешаванд.

## Санаи эътибор пайдо намудан

28. Корхона бояд тафсироти мазкурро нисбат ба давраҳое, ки аз 1 январи соли 2008 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона тафсироти мазкурро нисбат ба давраҳое, ки аз 1 январи соли 2008 оғоз мешаванд, татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

28А-28В Соқит шудаанд.

28Г Ба СБҲМ 15 *«Даромад аз фурӯш тибқи шартнома бо харидорон»*, ки моҳи майи соли 2014 интишор шудааст, ба фасли “Истинодҳо” ва бандҳои 13 - 15, 18 - 20 ва 27 тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд тағйироти мазкурро дар баробари татбиқи СБҲМ 15, мавриди татбиқ қарор диҳад.

28Ғ Ба СБҲМ 9, ки моҳи июли соли 2014 нашр шудааст, ба бандҳои 23 - 25 тағйирот ворид гардида, бандҳои 28А – 28В хориҷ карда шудааст. Корхона бояд тағйироти мазкурро дар баробари татбиқи СБҲМ 9 мавриди татбиқ қарор диҳад.

28Д Ба СБҲМ 16 «Иҷора», ки моҳи январи соли 2016 интишор шудааст, ба банди АЕ8 ислоҳот ворид гардидааст. Корхона бояд тағйироти мазкурро дар баробари татбиқи СБҲМ 16 мавриди татбиқ қарор диҳад.

## Муқаррароти интиқолӣ

29. Ба истисноӣ ҳолатҳои дар бандҳои 30 нишон додашуда, тағйирот дар сиёсати баҳисобгирӣ тибқи СББМ 8, яъне ба таври ояндабинии дур ба эътибор гирифта мешавад.

30. Агар дар дурнамо татбиқи тафсироти мазкур нисбат ба ягон созишнома дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳо дар оғози давраи пештар аз давраҳои овардашуда тамоман амалинашаванда бошад, пас танзимгар бояд:

(а) дороиҳои молиявӣ ва ғайримоддиеро, ки дар оғози давраи пештар аз давраҳои овардашуда мавҷуд буданд, эътироф намояд.

(б) арзиши тавозунии пешинаи дороиҳои молиявӣ ва ғайримоддии мазкурро (гурӯҳбандии пешинаи онҳо, чӣ гунае, ки набошад) ба сифати арзиши тавозунии онҳо дар санаи нишондодашуда истифода намояд;

(в) дороиҳои молиявӣ ва ғайримоддиеро санҷиш намояд, ки дар санаи нишон додашуда барои беқурбшавӣ эътироф карда шудаанд, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки он тамоман амалинашаванда бошад, дар ин ҳолат онҳоро бояд ҷиҳати беқурбшавӣ ба санаи оғози давраи ҷорӣ санҷида намоянд.

# Замимаи А
# дастур барои истифода

*Замимаи мазкур ҷузъи ҷудонопазири тафсироти мазкур ба ҳисоб меравад.*

## Доираи татбиқ (банди 5)

АЕ1. Дар банди 5 Тафсироти мазкур нишон дода шудааст, ки объекти инфрасохторӣ ба доираи татбиқи тафсироти мазкур мансуб мебошад, агар шартҳои зерин иҷро гарданд:

(а) консидент назорат ва танзим менамояд, ки танзимгар бояд кадом хизматрасониҳоро бо истифода аз объекти инфрасохторӣ, ба кӣ ва бо кадом нарх пешниҳод намояд;

(б) консидент тавассути ҳуқуқ ба соҳибмулкӣ, ҳуқуқи бенефитсиарӣ ё барои асосҳои дигар ҳамаи ҳиссаи боқимондаи назаррасро дар объекти инфрасохторӣ, дар охири давраи амали созишнома назорат менамояд.

АЕ2 Назорат ё танзим, ки дар шарти АЕ1(а) нишон дода шудаанд, метавонанд тавассути шартнома ё бо роҳи дигар (масалан, тавассути мақоми танзимкунанда) амалӣ гарданд ва ҳолатҳоеро пешбинӣ намоянд, ки дар онҳо консидент ҳамаи ҳаҷми хизматрасониҳои пешниҳодшударо мехарад, инчунин ҳолатҳоеро пешбинӣ менамояд, ки як қисм ё тамоми ҳаҷми хизматрасониҳои пешниҳодшавандаро дигар истифодабарандагон мехаранд. Барои ҳалли он, ки оё ин шарт иҷро мегардад, консидент ва ҳамаи тарафҳои ба он алоқаманд бояд якҷоя баррасӣ намоянд. Агар консидент ташкилоти бахши давлатӣ бошад, бахши давлатӣ дар маҷмӯъ, якҷоя бо ҳамаи мақомоти танзимкунанда, ки ба фоидаи ҷамъият амал менамоянд, бояд ҳамчун тарафи вобастаи консидент бо мақсадҳои тафсироти мазкур баррасӣ карда шаванд.

АЕ3. Мувофиқи шарти АЕ1(а), зарурат вуҷуд надорад, ки консидент аз болои нарх назорати пурра дошта бошад: кофист, ки нарх аз тарафи консидент, шартнома ё мақоми танзимкунанда, масалан, тавассути механизми барқарор намудани ҳадди болоии нарх танзим карда шавад. Аммо, ин шарт бояд аз рӯйи моҳият нисбат ба шартнома истифода карда шавад. Тавсифҳои беасос, ба монанди маҳдудкунии ҳадди болоии нарх, ки танҳо ҳангоми ҳолатҳои ба вуқӯъ пайвастанашон амал хоҳанд кард ва ба вуҷуд омаданашон эҳтимолияти кам дорад, бояд инкор карда шаванд. Баракс, агар масалан, шартнома озодии танзимгарро ҳангоми муқаррар намудани нарх дар назар дошта бошад, аммо ҳама гуна фоида аз дараҷаи муайян зиёдтар аст, бояд ба консидент баргардонида шавад, пас чунин ҳисобида мешавад, ки даромади танзимгар маҳдудият дорад ва унсури нархи тест дар бораи мавҷудияти назорат иҷро гардидааст.

АЕ4. Мувофиқи шарти АЕ1(б), назорати консидент аз болои ҳамаи ҳиссаҳои боқимондаи назаррас дар объекти инфрасохторӣ бояд бо имконияти амалии танзимгар барои фурӯхтан ё ба кафолат гузоштани объекти инфрасохтор маҳдуд гардад, инчунин ба консидент ҳуқуқи доимоамалкунандаи истифодаи объект дар муддати тамоми мӯҳлати амали созишнома пешниҳод карда шавад. Ҳиссаи боқимонда дар объекти инфрасохторӣ арзёбии ҳисоборобарии арзиши ҷориро ифода менамояд, бо такя ба фарзияе муайян карда мешавад, ки объект ҳамон солро дорад ва дар ҳамон ҳолате қарор дорад, ки эҳтимолан он дар охири мӯҳлати амали созишнома бошад.

АЕ5. Назоратро аз идоракунӣ бояд фарқ карда шавад. Агар консидент ҳам дараҷаи назоратро, ки дар банди 5(а) тавсиф шудааст ва ҳам ҳамаи ҳиссаи боқимондаи назаррас дар объекти инфрасохторро нигоҳ дорад, пас танзимгар танҳо идоракунии объекти инфрасохторро аз номи консидент амалӣ мегардонад - ҳатто бо вуҷуди он, ки дар бисёр ҳолатҳо ӯ метавонад ваколати васеи идоракуниро доро бошад.

АЕ6 Шартҳои АЕ1(а) ва АЕ1(б) якҷоя ҳолатеро муқаррар менамоянд, ки объекти инфрасохторӣ, аз ҷумла, ҳамаи тағйирдиҳӣ (ба банди 21 нигаред), дар давоми тамоми мӯҳлати хизматрасонии объект аз тарафи консидент назорат карда мешавад. Масалан, агар танзимгар дар ҷараёни давраи амали созишнома бояд як қисми объекти инфрасохторро (масалан, қабати болоии роҳ ё боми бино) иваз намояд, пас объекти инфрасохторӣ бояд ҳамчун ягонагии комил баррасӣ карда шавад. Ҳамин тавр, шарти АЕ1(б) барои тамоми объекти инфрасохторӣ, аз ҷумла, унсури ивазшуда риоя карда мешавад, агар консидент ҳамаи ҳиссаи калони боқимондаро дар унсури мазкур баъд аз ивазшавии охирини он назорат намояд.

АЕ7 Баъзан истифодаи объекти инфрасохторӣ қисман, чунончӣ дар банди 5(а) тавсиф карда шудааст, танзим карда мешавад ва қисман танзим карда намешавад. Вале чунин шартномаҳо метавонанд шаклҳои гуногунро доро бошанд:

(а) ҳамаи объекти инфрасохторӣ, ки воқеан ҷудопазир мебошанд, метавонанд мустақилона амал намоянд ва бо вуҷуди ин, ба муқаррароти воҳиди ҷамъкунандаи воситаҳои пулӣ, чӣ тавре ки ин истилоҳ дар СББМ 36 муайян карда шудааст, мутобиқат менамояд, бояд алоҳида таҳлил карда шавад, агар он дар доираи фаъолияти танзимнашаванда пурра истифода карда шавад. Масалан, ин метавонад ба шуъбаи беморхона, ки ба беморон дар асоси маблағгузорӣ хизмат расонида мешавад, дахл дошта бошад, ҳол он, ки қисмати боқимондаи беморхона аз тарафи конседент бо мақсади муолиҷаи беморон дар асосҳои умумӣ истифода карда мешавад.

(б) агар навъҳои мутлақо ёридиҳандаи фаъолият танзим карда нашаванд (масалан, мағозаи назди беморхона), пас бояд тестҳо барои мавҷудияти назорат истифода карда шаванд, ба он тавре, ки чунин навъҳои фаъолият вуҷуд надошта бошанд, зеро дар ҳолатҳое, ки конседент хизматрасониҳоро ба монанди он, ки дар банди 5 тавсиф шудааст, назорат намояд, пас мавҷудияти навъҳои ёридиҳандаи фаъолият ба коҳишёбии назорати конседент аз болои объекти инфрасохторӣ оварда намерасонад.

АЕ8 Танзимгар метавонад ҳуқуқи истифодаи ҷузъи ҷудопазири объекти инфрасохторро доро бошад, чӣ тавре, ки дар банди АЕ7(а) тавсиф шудааст ё объектҳое, ки барои хизматрасонии танзимнашаванда истифода мешаванд, чӣ тавре, ки дар банди АЕ7(б) тавсиф шудааст. Дар ҳарду ҳолат моҳиятан метавонад иҷораи ба танзимгар пешниҳоднамудаи конседент ҷой дошта бошад; агар чунин бошад, иҷора бояд тибқи СБҲМ 16 ба эътибор гирифта шавад.

© Фонди СБҲМ 